*Шурои диссертатсионии 6D.KOA-030-и назди Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон (734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи А.Адҳамов,11/2)*

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01.-Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст.**

Дар пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, маънавӣ ва фарҳангии ҷомеа дар ҳамаи давру замонҳо шахсони алоҳида, ки маҳорату қобилият, лаёқату истеъдоди эҷодкорӣ доранд, ҳиссагузор будан ва дар ҷомеаи тезтағйирёбандаи кунунӣ низ ин падидаро нодида гирифтан ғайриимкон аст. Аз ин рӯ, доир ба масъалаи қобилиятнокӣ, лаёқатмандӣ, соҳибистеъдодии кӯдакони таҳсилоти томактабӣ фикру ақида, муносибату баррасии андеша, назария, консепсия, роҳёфти гуногун арзи вуҷуд доштанд ва доранд.

Муҳаққиқ дар рисола фаъолияти эҷодкориро фаъолияте меномад, ки он амалу ҳолатҳои тозаеро ба вуҷуд меоварад ё мушоҳидаи онҳо иртиботҳои тозаеро дар тафаккур ва ёдгирӣ месозад. Арзишмандии қобилияти эҷодкорӣ дар мусиқӣ аз он мупиндорад, ки ӯро ҳамчун санъате номидааст, ки ҳақиқатро дар асарҳои бадеии овозӣ инъикос менамояд.

Пас аз таҳлили тадқиқоти илмӣ ва таҷрибаи амалии мутахассисони бо муассисаҳои таълимии томактабӣ МТМ муҳаққиқ ду модели консептуалиро муайян ва таҳия намудааст, ки рисолаи илмиро пурра мегардонад:

-амсилаи ташаккули қобилиятҳои мусиқӣ ва эҷодии кӯдакони синни томактабӣ:

-амсилаи намунаи истифодабарии фаъолиятҳои бозӣ барои ташаккули маҳорати мусиқӣ ва эҷодии кӯдакон, ки ин амсилаҳо аз он гувоҳ медиҳанд, ки кори озмоиши ҳалли худро ёфтааст.

Рисоланавис автореферат аз ду боб ва шаш зербоб иборат медонад ва масъалаҳои мубрами мавзӯъи илмӣ таҳлилу амалӣ гаштаро дар кори илми асоснок намудааст. Аз ҷумла дар боби аввали рисолаи илмӣ муҳаққиқ оид ба масъалаҳои "Асосҳои назариявӣ ва амалии инкишофи қобилияти мусиқӣ- эҷодии кӯдакони синни томактабӣ" таҳлил карда шудаанд. Аз ҷумла дар боби аввал муҳаққиқ оид ба корҳои эҷоди мусиқӣ, саҳми олимони хориҷӣ ва ватанӣ дар ин самт ва ғайра муфассал маълумоти таҳлилӣ пешниҳод намудааст. Муҳақиқ тавонистааст назарияро дар амал тадбиқ намояд.

Дар боби дуюм бошад дар мавзуи "Технологияи инкишоф додани қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ" аслан натиҷаҳои корҳои озмоиши аз ҷониби муаллиф татбиқшударо таҳлил намудааст. Ин таҳлилҳои таҷрибаҳои муайянро дар ин самт бо ҳамдигар муқоиса намуда, дар заминаи онҳо таклифҳои методиро барои мусоидат ба ҳалли масъалаҳои ҷойдошта пешниҳод намудааст. Байни бандҳои навоварии автореферат, арзиши методолигию амалии он боварибахш баён гардида шудааст.

Мулоҳизаҳои умумӣ оид ба автореферати диссертатсия:

Дар автореферати рисола, хатогиҳои имлоӣ мушоҳида мешавад, ки ин арзишу муҳимияти кори илмиро кам намекунад.

Автореферат рисолаи диссертатсия ба «Низомнома Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони

томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01.-Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) сазовори унвони илмии номзади илмҳо дониста шавад.

**Тақриздиҳанда:**
н.и.п., дотсенти кафедраи тарбия
ва таҳсилоти мусиқии Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати
Тоҷикистон ба номи М.Турсунзода Хайруллозода Б.Х.

**Имзои Хайруллозода Б.Х.-ро тасдиқ мекунам:**
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи М.Турсунзода Ҳомидова З.Ҳ.

ШУЪБАИ КАДРҲО
ОТДЕЛ КАДРОВ

«10» 04 2025с.

Маълумот барои тамос: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кучаи Бобад 73А, телефон: (231-18-27), почтаи электорони: tajartins@yandex.ru